# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар шароити макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 - назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ)

Дар солҳои соҳибистиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таҳсилот дигаргуниҳое рӯй доданд, ки аз ҷиҳати сохтор муҳиму зарур буда бахри рушду нумуи раванди тадрису тарбияи насли наврас таҳкурсии асосиро гузоштанд. Вазифаҳои калидии ин дигаргуниҳо ба ҳуҷҷатҳои давлатии конунгузорӣ асос ёфтаанд, ки ба инкишофу такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти макотиби олӣ, баланд бардоштани сатҳи сифати раванди таълиму тарбияи мутахассисони соҳибкасб мусоидат менамоянд.

Ба муҳиммият ва зарурати муаммои мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори махсус дода шуда, қабул шудани як зумра санадҳои муҳими давлатӣ далели равшан ва возеҳи он аст. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Қурбонзода Нигина Қурбон дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсияи ба итмом расонидаи Қурбонзода Нигина Қурбон аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифода шуда иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои маводи назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқ, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Дар боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва методологии омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ» аз тарафи муаллиф масъалаҳои моҳият, мундариҷа ва аҳаммияти воситаҳои



ScanPapyrus: scan docs or books to PDF. www.scanpdf.ru

интерактивии таълим дар фаъолияти таълимӣ; имконияти педагогии воситаҳои интерактивии таълим ва методҳои муосири назорат ва баҳодиҳии дастовардҳои таълимии педагогҳои оянда; тарҳрезии педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим мавриди таҳқиқ гардидааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳалли ин масъалаҳои муҳимми назариявӣ муаллиф маҷмуи муносибатҳо ва диди назариявӣ-методологӣ, ба монанди системанокӣ-шахсиятӣ, фаъолнокӣ ва салоҳиятнокиро истифода бурда, дар муайян кардани манбаъҳои назариявии таҳқиқот муяссар гардидааст.

Дар боби дуюм «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ» масъалаҳои мундариҷаи технологияи педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим; самаранокии технологияи педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия Қурбонзода Нигина Қурбон вобаста ба ҷамъбаст ва хулоса намудани натиҷаҳои ба дастовардашуда марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ гузаронида шудааст.

Яке аз ҷузъҳои мусбати кор ва ҷолиби диққатро ба он ишора кардан мумкин аст, ки муаллиф нахуст ба муайян намудани асосҳои назарӣ ва методологии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим таваҷҷуҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти раванди педагогӣ, нақша-барномаҳои таълимӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он, бо маҳсули эҷод ва дастовардҳои таълимӣ шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва дақиққорона мавриди омӯзиши ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ тибқи баргузории озмоиши таҷрибавӣ дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олӣ қарор додааст, ки он робитаи зичи муаллифро бо амалияи педагогӣ инъикос менамояд.

Боиси қайд аст, ки боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон



ScanPapyrus: scan docs or books to PDF. www.scanpdf.ru

пешниҳодгардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳилаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва бо таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Албатта, доир ба моҳият, сифат ва мундариҷаи диссертатсияи Қурбонзода Н.Қ. муқарризони расмию ғайрирасмӣ, муассисаи пешбар андеша ва нуктаи назари хешро баён мекунанд ва ба рисола баҳо медиҳанд, ва аз ин лиҳоз, мехостам чанд сухан оид ба сифатҳои муҳаққиқӣ, касбӣ ва шахсии шогирд сухан гӯям. Қурбонзода Нигина Қурбон дар ҳайси омӯзгори кафедраи системаи бисёршабакавии телекоммуникатсионии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият бурда, дар давоми 10 соли фаъолияти педагогиаш соҳиби таҷрибаи хуби омӯзгорӣ гардидааст. Дар давраи фаъолияташ дар ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» Қурбонзода Нигина Қурбон ба таҳқиқоти илмиаш муносибати хеле масъулона ва ҷиддӣ зоҳир намуда, сифатҳои назарраси суботкорӣ, қобилият ва истеъдоди хуби таҳқиқотиро нишон дод. Дар ин давра, аз тарафи ӯ бо баробари бурдани таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ, ба навиштан, таҳия ва чоп кардани мақолаҳои илмӣ, омода намудани маърӯзаю баромадҳо дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои кафедра эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Натиҷаи ин муносибат буд, ки аз тарафи ӯ дар асоси маводҳои таҳқиқотиаш 14 мақола дар нашрияҳои педагогӣ чоп гардиданд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгашта нашр гардиданд. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки Қурбонзода Нигина Қурбон ҳамчун муҳаққиқи фаъол, эҷодкор, мустақил, кордон ва соҳибкасб ташаккул ёфтааст ва чун омӯзгор дорои сифатҳои хуби касбӣ-педагогӣ, чун шахсият соҳиби ахлоқи баланди ҳамида буда, дар байни аҳли ҷомеаи устодон ва донишҷӯён соҳиби обрӯю эътибор гаштааст.



ScanPapyrus: scan docs or books to PDF. www.scanpdf.ru

Дар хулоса қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар шароити макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) методикаи кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи Низомномаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи ичтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Шаропов Шавкат Аҳмадович

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 Ҷумхурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков-1
Тел. (+992)927717870. веб. сайт: sharofzod1954@mail.ru

*Имзои профессор Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»* *Сайдуллозода З.С.*

25.09.2024с.

ScanPapyrus: scan docs or books to PDF. www.scanpdf.ru